АГЕНТИИ ОМОРИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Бо Протоколи Ҷаласаи Комиссияи
Ҷумҳуриявии мусоидати
баруйхатгирии кишоварзии
Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 майи соли 2013
№ 2 тасдиқ карда шудааст.

**ДАСТУРАМАЛ**
**БАРОИ ПУР КАРДАНИ САВОЛНОМАИ БАРӮЙХАТГИРИИ КИШОВАРЗӢ**
**ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

# шакли 2- БК

**(Барои хоҷагиҳои ёрирасони аҳолӣ хоҷагиҳое, ки заминро истифода бурда, маҳсулот истеҳсол намудааст ва ба парвариши чорво машғул мебошанд, пур карда мешавад)**

**ш. ДУШАНБЕ – 2013**

# САРСУХАН

Саволномаи 2-БК «Баруйхатгирии кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои хоҷагиҳои аҳолие пешбинӣ шудаааст, ки дар участкаҳои наздиҳавлигӣ, замини Президентӣ ва дигар категорияҳои заминҳо, зироат кишт намуда маҳсулот истеҳсол менамоянд ва ҳамчунин хоҷагиҳое, ки ба парвариши чорво, нигоҳубини занбӯри асал машғул ҳастанд. Саволнома аз тарафи ҳисобчиҳо ба тариқи пурсиш бо роҳи хона ба хона гаштан ба ҳар як хонавода дар алоҳидагӣ пур карда мешавад.

Махфӣ нигоҳ доштани маълумотҳо аз ҷониби мақомоти омори давлатӣ кафолат дода мешавад, мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи омори давлатӣ» аз соли 2010 моддаи 16 банди 4 «Пахн намудани маълумоти аввалини оморӣ метавонад танҳо бо розигии воҳидҳои оморӣ, ки иттилоотро пешниҳод кардаанд, сурат гирад» ва банди 5 «Субъектҳои баҳисобгирии омори расмӣ ҳифзи маълумоти маҳфиро таъмин менамоянд». Хамаи иттилоот ба таври қатъӣ дар намуди маълумотҳои ҷамбастӣ (мисол «ноҳия» ё «ҷамоат» истифода мешавад.

Ҳисобчиҳо то давраи саршавии муҳлати асосии Барӯйхатгирӣ (санаи гузаронидани баруйхатгирии кишоварзиро мақомоти марказии омори давлатӣ дар мувофиқа бо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд) тибқи нақшаи ташкилӣ қитъаи вобасташударо давр зада хоҷагиҳои аҳолии мавҷудбударо ё дигар тағйиротҳоро аниқ намуда дар рӯйхати худаш қайд менамояд. Дар қисми болоии саволнома катакчаи дурақама оиди рамзи муваққатӣ ҷой дода шудааст, ки он ба кадом гуруҳӣ хоҷагии аҳолӣ мансуб будани хоҷагии мазкурро муайян менамояд. Категорияи хонавода новобаста аз он, ки дигар аъзоёни хонавода дар ҳоҷагии деҳконӣ кор мекунанд ё не ва инчунин новобаста аз он ки хонавода дар ҳоҷагии деҳконӣ молики ҳиссаи замин аст ё не, ё заминро дар ягон хоҷагии деҳконӣ ба иҷора мегирад, фаъолияти сардори хонаводаро муайян менамояд.

| |
|---|
| Масалан: Сардори хонавода дар хориҷа кор мекунад, хонавода дар ҳоҷагии деҳконӣ ҳиссаи замин дорад ва як ё бештари аъзоёни хонавода дар ҳоҷагии деҳконӣ кор мекунанд, дар он сурат ба машғулияти фаъолияти инфиродии меҳнат - **03** гузоштан лозим аст. |

Ҷиҳати роҳ надодан ба баҳисобгирии такрорӣ, ҳамаи заминҳои кишоварзӣ, ки ба хоҷагиҳои деҳқонӣ тааллуқ доранд, дар саволномаи «Шакли 1 – БК», инчунин ҳамаи ҳосили ҷамъоварӣ кардашудаи аз ин заминҳо, ҳатто новобаста аз он ки, агар заминҳо қисман аз тарафи хонаводаҳои пурсидашаванда ба иҷора гирифта шуда бошанд ҳам, баҳисоб гирифта мешаванд.

Дар фарқият аз саволномаи «Шакли 1 – БК» анкета барои хонавода «Шакли 2 – БК» воҳидҳои асосии зеринро дорад: **<u>садӣ- сотих</u>** барои андозаи масоҳати заминҳои кишоварзӣ ва **<u>килограмм</u>** барои миқдор муайян шудааст.

| |
|---|
| Дар ҳолате, ки агар пурсидашаванда дар бораи заминҳои кишт на бо садӣ- сотих балки бо гектар иттилоот диҳад, дар он сурат зарурат пеш меояд, ки онҳо аз нав ҳисоб карда шаванд ва садӣ- сотих (1 гектар = 100 сотих) гузошта шавад. Хамчунин дар ҳолате, ки агар пурсидашаванда дар бораи миқдор на бо килограмм балки бо сентнер ё тонна иттилоот диҳад, дар он сурат зарур аст, ки онҳо аз нав ҳисоб карда шаванд ва килограмм (1 сентнер = 100 кг, 1 тонна = 1000 кг) гузошта шавад. |

Дар катакчаҳо рақамҳо аз тарафи чап, калимаҳо аз тарафи рост навишта мешаванд. Ба саволҳо сардори хонавода ё ягон нафар аъзои калонсоли хонавода ҷавоб медиҳанд.

## ҚОИДАИ ГУЗАРОНИДАНИ МУСОҲИБА ВА ПУР КАРДАНИ САВОЛНОМАҲО

Саволнома аз тарафи саволдиҳанда аз забони сардори хонавода ё намояндаи калонсолтари хонавода, инчунин молики – соҳиби қитъаи мазкур бо усули пурсиш – мусоҳиба пур карда мешавад. Пур кардани саволнома бевосита дар хоҷагии хонавода анҷом дода мешавад. Дар вақти мушкилот дар ҷавобҳои ин ё он савол саволдиҳанда метавонад ҷавобҳоро бо ҳуҷҷатҳои дар ихтиёрдошта тафтиш кунад.

Хангоми гузаронидани мусоҳиба қоидаҳои зеринро риоя кардан лозим аст:

– барои гирифтани мувофиқаи мусоҳиб барои гузаронидани мусоҳиба фазои хайрхохона ва боварӣ муҳайё кардан зарур аст;
– саволҳоро тавре додан зарур аст, ки онҳо дар варақаи барӯйхатгирӣ ва ҳамчунин мунтазамию пай дар пайи онҳо дар он ҷо нишон дода шудаанд;
– тавре мусоҳиба гузаронидан лозим аст, ки барои мусоҳиб – ҷавобдиҳанда муносеб бошад. Агар барои фикр кардани ҷавоб вақт зарур бошад, ба ҷавобдиҳанда имконияти вақт муҳайё кардан лозим аст;
– аз мақсад берун таваҷҷуҳ кардан лозим нест, сӯҳбатро ба мавзӯъҳои беруна ҷалб кардан лозим нест;
– қоидаи пур кардани варақаҳои саволномаҳоро риоя кардан лозим аст, он чизе, ки дар дастурамал нишон дода шудааст риоя кардан лозим аст;
– пур кардани варақаҳои саволномаҳоро ба ҷавобдиҳанда – мусоҳиб аҷозат надиҳед, зеро иттилоот бояд аз тарафи саволдиҳанда навишта шавад;
– аз рӯи имконият саволҳо бе ҷавоб намонанд, онҳо бояд барои хонаводаи мазкур пур карда шуда бошанд.

**Ягон – хел ислоҳот ё тағйирот ворид кардан ба навиштаҳо бе иҷозати шахси пурсидашаванда манъ аст.** Ба саволҳо сардори хонавода ё аъзои калонтари хонавода ҷавоб медиҳад.

Гарчанде варақаҳои алоҳида байни якдигар дӯхта нашудаанд,ҳар кадом варақ бояд возеҳу хоно рамз гузошта шуда бошанд. Ҳисобчиҳо бояд аз саҳифаи якум сар карда рамзи пурраро гузоранд: сумка ва хоҷагӣ дар вақти анкетасозӣ дар саҳифаҳои 3 ва 5 ( яъне дар ду варақаи дохили саволномаҳо дар гушаи болоии варақ бо ручкаи саққочадор.

Дар хоначаҳо аз тарафи чап рақамҳо, аз тарафи рост калимаҳо навишта мешаванд. Сатрҳо ва сутунҳое, ки барои хоҷагии дахлдор ба кор бурда мешаванд, набояд пур карда шаванд, яъне холӣ боқӣ мемонанд.

Ҳисобчиҳо бояд возеҳу хоно нависанд, ҳангоме, ки онҳо саволномаро пур мекунанд. Навиштани рақамҳоро мутобиқи намунаҳои додашуда пур кунанад:




Дар ҳолати содир кардани хатогӣ ҳангоми пур кардани саволномаҳо, ки рақамҳо гузошта шудаанд ё навиштаҳо нодурустанд бояд ба таври возеҳу равшан ва аниқ хат зада шуда бошанд ё аниқ ислоҳ карда шуда бошанд.

Ҳангоми батартиб даровардани ҳуҷҷатҳо ба сумка, ҳам ҳисобчӣ, ҳам дастурдиҳанда – назоратчӣ бояд онро кӯшиш намоянд, ки саволномаҳои пур кардашуда пурра маҷмӯъ бошанд, рамзгузорӣ шуда бошанд ва дар сумка ба тартиб қарор дошта бошанд, ба таври ҷиддӣ мувофиқи рақамгузорӣ дар китобчаи сабти ҳисобчӣ сабт шуда бошанд.

## ҚИСМИ I. МАЪЛУМОТИ УМУМӢ ДАР БОРАИ ХОНАВОДА

Дар қисми I аз саволи 1 то саволи 16 маълумоти умумӣ дар бораи хонавода, суроғаи хонавода, яъне хоҷагии мазкур дар кадом деҳа ҷамоат ҷойгир шудааст. Ҳангоми пур кардани саволҳои 1 ва2 ҳисобчӣ рамзҳоро намегузорад, аммо номи «Ҷамоат (шаҳрак» ва «деҳа – қишлоқ»-ро ба таври возеҳу равшан навиштан лозим аст. «Рамзҳои саволҳои 1 ва 2 дар вақти коркарди мутамарказӣ гузошта мешаванд. Саволи 5 ному насаби пурраи сардори хонавода аз тарафи чап навишта мешавад, саволи 6 ҷинси сардори хонавода, 7 – синну соли сардори хонавода, 8- маълумоти сардори хонавода, 9 шумораи аъзоёни хонавода, 10- аз он ҷумла аз 15 сола калон, 11 - аз онҳо ба кишоварзӣ машғул буда, дар саволи 11 (аз онҳо дар кишоварзи машғуланд) ҳамаи аъзоёни хонавода, ки 15 сола ва калонсолтаранду онҳое, ки ягон кор доранд ё дар кишоварзӣ машғуланд, музди кор ё даромад меоваранд, дар давоми ҳафта, дар санаи гузаштаи барӯйхатгирӣ (хонаводаи анкеташуда) қайд карда мешаванд. Саволи 12 – «ҳамагӣ замини истифодашуда якҷоя бо замини Президентӣ». Ба хисобчӣ тавсия дода шудааст,ки сатри ҷамъбастии саволи 12)-ро баъди пур кардани саволҳои 13-16 пур кунад. Сатри 13- замини участкаи наздиҳавлигӣ (якҷоя бо масоҳати зери сохтмон), 14 – аз он ҷумла заминҳои корам (ҳамаи қитъаи наздиҳавлигӣ, ғайр аз замини зери сохтмон, яъне замини корам, боғ ва токзор ба назар гирифта мешавад), сатри 15- заминҳои президентӣ, сатри 16 - ба ғайр аз он дигар категорияҳои замин (замини партов, шӯразамин, санглох ва ғайра) нишон дода мешавад.Замине, ки хонавода аз хоҷагии деҳқонӣ, корхона ё дигар муассиса ба иҷора гирифтааст, дар саволи 16 ба ҳисоб гирифта намешавад, ва ба таври қатъӣ дар саволномаи барои корхонаи кишоварзӣ «Шакли 1 – БК» нишон дода мешавад. Хонаводае, ки заминро аз фонди замини давлат истифода мебарад (замине, ки «замини президентӣ» намебошад), масалан қитъаи соҳили дарё, қитъаи лалмӣ ва ғайраҳо дар саволи 16 нишон додан зарур аст. Майдони умумии замини истифодашуда (саволи 12) ҷамъи сатрҳои 14, 15 ва 16-ро дар бар гирифта, масоҳати зери сохтмон ба инобат гирифта намешавад.

## ҚИСМИ II. ИСТИФОДАБАРИИ ЗАМИН БАРОИ ҲОСИЛИ СОЛИ 2013

### ⇨ Ҷадвали 1

Дар қисми II тарзи истифодабарии замин дар соли 2013, майдони кишти зироатҳо ва ҷамъоварии ҳисол нишон дода мешавад. Агар хоҷагии хонавода соли 2012 зироатҳои тирамоҳӣ (гандум, ҷавдор ва ҷав) кишт карда бошад, дар сатрҳои 10,20,30 нишон медиҳад. Агар дар тирамоҳи соли 2012 зироатҳои баҳорӣ кишт карда бошад, ба монанди сабзавот, картошка ва алафҳои бисёрсола (юнучқа, эспарсет), он гоҳ чунин кишти дар майдони кишти зироатҳо дар баҳори соли 2013 нишон дода мешаванд. Дигар намуди зироатҳо аз сатри 40 то сатри 406 бо намудҳои алоҳида ва майдони кишти умумӣ, аз он ҷумла дар заминҳои обӣ нишон дода мешаванд. Дар сатри 410 майдони кишти ҳамаи намуди зироатҳо ва сатри 420 кишти байни қаторҳои боғ ба ҳисоб гирифта мешаванд.

| |
|---|
| Вақте, ки кишти зироат дар байни қаторҳои дарахтон аз рӯи нақша анҷом дода шуда бошад, кишти зироатҳои байни қаторҳо ҳисобида мешавад. Дарахте, ки алоҳида истода бошад, замини кишт ҳисобида намешавад ва зироатҳои дар паҳлӯи вай киштшуда кишти байни қаторҳо ҳисобида намешавад. |

Дар сатрҳои 430 то 436 масоҳати замини гармхонаҳо барои парвариши мевагиҳои ситрусӣ ва сабзавот нишон дода мешавад. Дар сатри 435 масоҳати гармхонаҳои доимоамалкунанда, яъне иншоотҳои сохташуда нишон дода мешавад. Агар ниҳол ё зироат сим кашида бо плёнка пӯшонида парвариш карда шавад, он гоҳ ин намуд гармхона мавсимӣ ҳисоб карда мешавад. Майдони кишти асосии зироат дар сутуни 1, ҷамъоварии ҳосили кишти зироати асосӣ дар сутуни 2 ва аз он ҷумла: майдони кишти зироат дар заминҳои обӣ дар сутуни 3 ва ҷамъоварӣ ҳосили он дар сутуни 4 нишон дода мешавад.

Ба ғайр аз ин дар сутунҳои 5 ва 6 майдони кишти такрории зироатҳо ва ҷамъоварии ҳосил ба ҳисоб гирифта мешавад. Зироатҳое, ки такроран кишт карда мешаванд, инҳо асосан шолӣ, лубиё, мош, арахис, картошка, сабзавот, зироатҳои хӯроки чорво мебошанд.

**Мисол:** Дар ҳолате, ки агар як ва ҳамон зироат (масалан, шоли) такрораи кишт шуда бошад, дар он сурат сутунҳои 1 – 6 пур карда мешаванд, дар ҳолате, ки агар масалан баъди картошка кишти такрорӣ ҷуворимакка барои силос бошад, дар он сурат сутунҳои 5 – 6 дар сатри «картошка» холӣ мемонанд, дар сатри «ҷуворимакка барои силос» бошад, сутунҳои 5 – 6 пур карда мешаванд, сутунҳои 1 - 4 бошанд, холӣ мемонанд.

Ҷуворимакка барои дон дар сатри 80 ба ҳисоб гирифта мешавад. Ҷуворимакка барои дон - ин яъне донаш пурра пухта расидагӣ дар сутуни 1 майдони кишти ҷуворимакка ва дар сутуни 2 вазни сутаи ҷуворимакка ҳисоб карда мешавад, агар дар мавриди дунбул ё хом будани дони ҷуворимакка ҷамъоварӣ карда шавад, он гоҳ майдони кишт ва ҳосили он агар кишти асосӣ бошад, дар сутунҳои 1 ва 2 сатри 403 ва агар кишти такрорӣ бошад, дар сутунҳои 5 ва 6 сатри 403 ба ҳисоб гирифта мешавад. Яъне ҷуворимакка барои силос ва хуроки сабз дар сатрҳои зикргардида ба ҳисоб гирифта мешавад. Майдони умумии кишти такрории зироатҳо дар сутуни 5 сатри 410 ва аз он ҷумла байни қаторҳои боғ дар сатри 420 ба ҳисоб гирифта мешавад. Зироатҳое, ки дар байни қатори боғ, яъне плантатсияи боғ шинонда шуда ҳастанд, дар сатри 420 фақат майдони кишти умумии ҳамаи намуди зироат дар шакли ҷамъ, аз ҷумлаи сатри 410 нишон дода мешавад. Дар сатрҳои 500 (тайёр кардани хасбеда) ва 510 (тайёр кардани коҳ) танҳо ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолкардаи хонавода нишон дода мешавад. Хасбеда ва коҳ, ки дар заминҳои ягон хоҷагии деҳқонӣ истеҳсол карда шудааст ё харида шудааст, нишон дода намешавад.

## ⇨ Ҷадвали 2 ва 3

Агар ниҳолҳои бисёрсола ба таври алоҳида шинонда шуда бошанд, боғ (ҷадвали 2) ҳисоб карда намешавад, дар ҷадвали 3 ба ҳисоб гирифта мешавад.

Масоҳати боғу токзор дар алоҳидагӣ (плантатсия) аз рӯи схемаи шинондашуда дар сатрҳои 10 то 300 Ҷадвали «Майдони боғу токзорҳо ва ҷамъоварии ҳосил» нишон дода мешавад. Дар сатрҳои 310 майдони токзорҳо аз руи схема шинондашуда (плантатсия) ва аз он ҷумла дар сатрҳои 311 наъвҳои хурданибоб ва 312 барои истеҳсоли шароб нишон дода мешавад. Миқдори дарахтони мевадиҳандаи дар алоҳидагӣ шинондашуда ва ангур дар ҳавлӣ, дар атрофи участкаи наздиҳавлигӣ бо намудҳо дар ҷадвали 3 қисми 2 саволнома бо адад нишон дода мешаванд. Токи ангур новобаста аз оне, ки чойлоб карда шудааст ё не, дар плантатсия (киштзор) масоҳат нишон дода мешавад. Зери «масоҳати кишт» дар сарлавҳои ҷадвали 2 масоҳати зери дарахтон дар назар дошта шудааст.

Дар баъзе ҳолатҳо рақамҳои ҷамбастӣ оид ба замини истифодашуда аз Фасли I (сатри 12) ва Фасли II тағйир ёфта метавонанд (масалан, ба сабаби истеҳсоли хасбеда, кишти зироатҳои байни қаторҳо ва ғайраҳо). Ҳисобчӣ набояд ба иттилооте, аз хонавода гирифта шудааст, ягон тағйирот дарорад.

## ҚИСМИ III. МАНБАИ АСОСИИ ОБЁРИИ ЗИРОАТҲОИ КИШОВАРЗӢ

Дар ин қисм чор намуди асосии манбаи асосии обёрии зироатҳои кишоварзӣ номбар карда шудааст. Агар хоҷагии мазкур аз якчанд манбаи обёрӣ истифода бурда бошад, он гоҳ ҳамон манбаеро давра кашида мешавад, ки асосӣ ба ҳисоб меравад. Дар зери мафҳуми «обёрии мошинӣ» истифодаи оби рӯи замин, ки тавассути насосҳо аз ягон хазинаи об (дарё, канал, кӯл ва ғайра) кашида мешавад тасаввур мешавад.

## ҚИСМИ IV. САРШУМОРИ ЧОРВО БА 1 НОЯБРИ СОЛИ 2013

Ҷиҳати пешгирӣ кардани баҳисобгирии такрорӣ ё баҳисоб нагирифтан, чорвои мавҷуда бо роҳи пурсиши соҳиби чорво баҳисоб гирифта мешаванд ва ба таври ҳатмӣ бозҳисоби чорво дар шакли асл (натура) анҷом дода мешавад. Ба таври амалӣ саршумори чорвои мавҷудаи дар пода (рама) будаи хонавода то 1 ноябри соли 2013 ба ҳисоб гирифта мешавад. Дар зери мафҳуми «гӯсола, барра, бузғола, тойча гирифта шудааст» тамоми чорвое, ки то 1 ноябри соли 2013 аз як сола хурд аст, фаҳмида мешавад, чорвое, ки дар ҳамин сана дар хоҷагӣ мавҷуд аст, сарфи назар аз он ки оё ин чорво насли худӣ буданд ё харида шудаанд, дар назаранд.

**Истеҳсоли гӯшт** ба таври қатъӣ бо вазни зинда ҳисоб карда мешавад. Вазни зиндаи чорво – ин вазне мебошад, ки то куштани чорво бар кашида муайян карда шудааст. Вазни зинда аз вазни холиси чорво, инчунин аз вазни кушта фарқ мекунад.

Дар байни **чорвои корӣ** ба таври ҷуогона ба таври зайл ҳисоб карда мешаванд: барзговҳои корӣ дар сатри 03 (ҷадвали 1) ва аспҳои корӣ дар сатри 04 (ҷадвали 4). Чорвои корӣ чорвое ба ҳисоб меравад, ки барои коркарди замин, барои ҳамлу нақли бор, ё ҳамчун аспи саворӣ истифода мешавад.

Саршумори чорвои калони шохдор дар сатрҳои 01 то 09 дар сатрҳои 10-11 ҷадвали 1 нишон дода мешавад. Дар қисми чорвои калони шохдор аз сутуни 1 то 9 бо намудҳои алоҳида ва зотҳои он (типи тоҷикии сиёҳало, типи тоҷикии швитсу зебумонанд, қазоқии сарсафед, қалмиқӣ, абердиноангусс) ва дар сутуни 7 ҷамъи чорвои зотӣ, дар сутуни 8 чорвои маҳаллӣ, дар сутуни 9 қутосҳо ва дар сутуни 10 ҳамагӣ чорвои калони шохдор нишон дода мешавад. Дар сатри 10 истеҳсоли гӯшт (бо вазни зинда) ва дар сатри 11 истеҳсоли шир (бо литр) нишон дода мешавад.

Барои муайян намудани миқдори шири давраи ширдиҳӣ маъмулан қариб 10 моҳ барои чорвои калони шоҳдор ва қариб 5 моҳ барои қутосҳо ба ҳисоб гирифта мешавад. Вобаста ба марҳалаи давраи ширдиҳӣ, инчунин вобаста ба сифати хӯроки чорво дар давоми сол, ширдушӣ ба таври назаррас тағиир меёбед. Ин низ ба ҷадвали 3 (бузҳо) ва ҷадвали 4 (аспҳо) дахл дорад.

**Мисол:** ба ҳисоби миёна ширдушии модагови якуми хоҷагӣ дар як рӯз 4 литр буд, давраи ширдиҳӣ бошад, 9,5 моҳ аст: 4 x 30 x 9,5 = 1140 литрро ташкил медиҳад. Ба ҳисоби миёна ширдушии модагови дуввуми хоҷагӣ дар як рӯз 3,5 литр буд, давраи ширдиҳӣ бошад, 9 моҳ аст: 3,5 x 30 x 9 = 945 литрро ташкил медиҳад. Истеҳсоли шири хоҷагӣ дар 12 моҳи охир: 1140 + 945 = 2085 литрро ташкил мекунад.

Саршумори гӯсфандони зотӣ ва маҳаллӣ дар сутунҳои 1 то 7 ва ҷамъи он дар сутуни 8 ҷадвали 2 нишон дода мешавад. Дар сатрҳои 01 то 04 саршумори гӯсфандҳо бо синну сол ва дар сатри 05 ҷамъи онҳо нишон дода мешавад. Дар сатри 06

истеҳсоли гӯшт (бо вазни зинда), дар сатри 07 истеҳсоли пашм ба ҳисоб гирифта мешавад.

Саршумори бузҳо дар сатрҳои 01 то 04 ва саршумори умумии он дар сатри 05 ҷадвали 3 нишон дода мешавад. Дар сутунҳои 1, 2 ва 3 бузҳои зотӣ, дар сутуни 4 бузҳои маҳаллӣ ва дар сутуни 5 ҷамъи умумии саршумори буз нишон дода мешавад. Дар сатри 06 истеҳсоли гӯшти буз бо вазни зинда, дар сатри 07 истеҳсоли шир, сатри 08 истеҳсоли пашми буз ва дар сатри 09 тибити буз нишон дода мешавад. Тибити буз дар натиҷаи шона кардани буз истеҳсол карда мешавад.

Ҷадвали 4 дар бораи саршумори асп маълумот медиҳад. Ба гуруҳи аспҳои зотӣ, инҳо дохил мешаванд: дар сутунҳои 1 то 4 зоти тоҷикӣ, қарабоирӣ, лақайӣ, англисӣ ва дар сутуни 5 ҷамъи аспҳои зотӣ, дар сутуни 6 ҷамъи аспҳои маҳаллӣ ва дар сутуни 7 саршумори умумии аспҳо нишон дода мешавад. Дар сатрҳои 01 - 05 саршумори асп аз руи синну сол ва дар сатри 06 ҳамаи намуди асп нишон дода мешавад. Дар сатри 07 истеҳсоли гушти асп бо вазни зинда ва дар сатри 08 истеҳсоли шир нишон дода мешавад.

Дар ҷадвали 5 ҳамин фасл саршумори парранда дар сутунҳои 1 то 8 бо намудҳои алоҳида ва дар сутуни 9 саршумори умумии парранда нишон дода мешавад. Дар сутунҳои 1 ва 2 мурғҳо дар назар дошта шудаанд.Дар сатри 01 саршумори умумӣ, аз он ҷумла сатри 02 саршумори мокиёнҳо, сатри 03 саршумори чӯҷа нишон дода мешавад. Истеҳсоли гӯшт дар сатри 04 бо вазни зинда ва истеҳсоли тухм дар сатри 05 нишон дода мешавад.

Маълумот дар бораи дигар намуди чорво дар ҷадвали 6, ба монанди саршумори харгуш ва саршумори шутур оварда мешавад. Дар сатри 01 саршумори харгуш ҳамагӣ аз он ҷумла дар сатри 02 харгушҳои зоён, сатри 03 саршумори умумии шутур ва аз он ҷумла дар сатри 04 шутурҳои мода нишон дода мешавад. Истеҳсоли гушти харгуш дар сатри 05 ва истеҳсоли гӯшти шутур дар сатри 06 ба ҳисоб гирифта мешавад. Агар хонавода мазкур дорои хар ва хачир дошта бошад, он гоҳ дар сатри 07 саршумори онҳо нишон дода мешавад.

Дар ҷадвали 7, занбури асал ба ҳисоби оила нишон дода мешавад. Дар як қутти ду се оила ҷойгир шуданаш мумкин аст. Истеҳсоли асал ба ҳисоби килограмм нишон дода мешавад.

Истеҳсоли пилла дар ҷадвали 8 бо вазни физикӣ нишон дода мешавад.

Ҳамчунин дар ҷадвали 9, парвариши моҳӣ ва сайди он дар сатрҳои 01 ва 02, ва намудҳои он дар сутунҳои 2 то 7 ба ҳисоб гирифта мешавад. Парвариши моҳӣ ба ҳисоби дона ва сайди моҳӣ ба ҳисоби килограмм нишон дода мешавад. Парвариши моҳӣ дар ҳавз ё кӯл парваришёбанда ва истеҳсоли моҳӣ миқдори моҳие, ки сайд карда шудааст, ба ҳисоб меравад.

## ҚИСМИ V. МАҲСУЛОТИ ИСТЕҲСОЛКАРДАШУДА ВА САРФИ ОН БА 1 НОЯБРИ СОЛИ 2013

Дар қисми **V** саволнома маҳсулоти истеҳсолкардашуда дар соли 2013 дар ҳолати аслӣ аз сатри 01 то сатри 21 намудҳои асосии зироатҳо нишон дода мешаванд. Дар сутунҳои 1 истеҳсоли умумии маҳсулот, дар сутуни 2 истеъмоли маҳсулот дар хоҷагии хонавода, сутуни 3 хароҷот барои тухмӣ, сутуни 4 маҳсулоти фурухташуда, сутуни 5 талафоти маҳсулот нишон дода мешавад. Дар сутуни 6 дигар намуди хароҷот, яъне хароҷотҳое,ки дар сутунҳои аз 2 то 5 пешбинӣ нашудааст, нишон дода мешавад ва дар охири ҷадвал дар сутуни 7 боқимондаи маҳсулот ба 1 ноябри соли

2013 нишон дода мешавад. Ҳамин тарзи ҳисоб аз сатри 01 зироатҳои ғалладона то сатри 21 пилла истифода бурда мешавад.

Миқдори зироати кишоварзии истеҳсол кардашуда (сутуни 1 «истеҳсол карда шудааст» бояд бо иттилооти ҷамъоварӣ кардашудаи дар бораи ҳосил (фасли II, ҷадвали 1, сутуни 2, саҳифаҳои 2 – 3 саволнома) як хел – мушаххас бошад.

**Бояд рӯнавис карда шавад (ба сутуни 1) аз:**

- «Зироатҳои ғалладона» (фасли II ,ҷадвали 1, **сатри 140**, сутуни 2, [саҳифаи 2]);
- «Гандуми тирамоҳӣ» + «Гандуми баҳорӣ» (фасли II ,ҷадвали 1, **сатри 10 + сатри 40**, сутуни 2, [саҳифаи 2]);
- «Шолӣ» (фасли II ,ҷадвали 1, **сатри 90, сутуни 2 + сутуни 6** , [саҳифаи 2]);
- «Ҷуворимакка барои дон» (фасли II ,ҷадвали 1, **сатри 80, сутуни 2 + сутуни 6**, [саҳифаи 2]);
- «Картошка» (фасли II ,ҷадвали 1, **сатри 250, сутуни 2 + сутуни 6** , [саҳифаи 2]);
- «Сабзавот – ҳамагӣ» (фасли II ,ҷадвали 1, **сатри 350, сутуни 2 + сутуни 6** , [саҳифаи 2]);
- «Бехпиёз» (фасли II ,ҷадвали 1, **сатри 310, сутуни 2 + сутуни 6** , [саҳифаи 2]);
- «Сабзӣ» (фасли II ,ҷадвали 1, **сатри 300, сутуни 2 + сутуни 6** , [саҳифаи 2]);
- «Помидор» (фасли II ,ҷадвали 1, **сатри 280, сутуни 2 + сутуни 6** , [саҳифаи 2]);
- «Зироати полизӣ – ҳамагӣ» (фасли II ,ҷадвали 1, **сатри 390, сутуни 2 + сутуни 6** , [саҳифаи 3]);
- «Пахта» (фасли II ,ҷадвали 1, **сатри 150**, сутуни 2, [саҳифаи 2]);

Миқдори меваю ангури истеҳсол кардашуда (сутуни 1 «истеҳсол карда шудааст») бояд бо иттилооти ҷамъоварӣ кардашудаи дар бораи ҳосил (фасли II, ҷадвали 2 ва 3, сутуни 2, саҳифаҳои 3 – 5 саволнома) як хел – мушаххас бошад.

**Бояд рӯнавис карда шавад (ба сутуни 1) аз:**

- «Меваҳо - ҳамагӣ» (фасли II ,ҷадвали 2, **сатри 280**, сутуни 2, [саҳифаи 4]) + (фасли II ,ҷадвали 3, **сатрҳои 10+20+30+40+50+60+70+80+90+100+110**, сутуни 3,[саҳифаи 4 - 5]);
- «Себҳо» (фасли II ,ҷадвали 2, **сатри 10**, сутуни 2, [саҳифаи 3]) + (фасли II ,ҷадвали 3, **сатри 11**, сутуни 3,[саҳифаи 4]);
- «Зардолуҳо» (фасли II ,ҷадвали 2, **сатри 90**, сутуни 2, [саҳифаи 3]) + (фасли II,ҷадвали 3, **сатри 24**, сутуни 3,[саҳифаи 5]);
- «Токзорҳо» (фасли II ,ҷадвали 2, **сатри 310**, сутуни 2, [саҳифаи 4]) + (фасли II,ҷадвали 3, **сатри 130**, сутуни 3,[саҳифаи 5]);

Миқдори маҳсулоти истеҳсол кардашудаи чорвопарварӣ (сутуни 1 «истеҳсол карда шудааст») бояд бо иттилооти ҷамъоварӣ кардашудаи дар бораи маҳсулоти чорво (фасли IV, ҷадвали 1 - 9, сутунҳои гуногун, саҳифаҳои 5 – 7 саволнома) як хел – мушаххас бошад.

**Бояд ба сутуни 1 рӯнавис карда шавад «Гӯшт – дар вазни зинда» (сатри 16) аз:**

**«Гушти гов»** (фасли IV, ҷадвали 1, **сатри 10**, сутуни 10, [саҳифаи 5]); + **«Гушти гӯсфанд»** (фасли IV, ҷадвали 2, **сатри 06**, сутуни 8, [саҳифаи 6]); + **«Гушти буз»** (фасли IV, ҷадвали 3, **сатри 06**, сутуни 5, [саҳифаи 6]); + **«Гушти асп»** (фасли IV, ҷадвали 4, **сатри 06**, сутуни 7, [саҳифаи 6]); + **«Гушти мурғ»** (фасли IV, ҷадвали 5, **сатри 04**, сутуни 9, [саҳифаи 7]); + **«Гушти харгӯш»** (фасли IV, ҷадвали 6, **сатри 05**, сутуни 1, [саҳифаи 7]); + **«Гушти шутур»** (фасли IV, ҷадвали 6, **сатри 06**, сутуни 1, [саҳифаи 7]);

**Бояд ба сутуни 1 рӯнавис карда шавад «шир» (литр) (сатри 17) аз:**

**«Шири модагов»** (фасли IV, ҷадвали 1, **сатри 11**, сутуни 10, [саҳифаи 5]); + **«Шири буз»** (фасли IV, ҷадвали 3, **сатри 07**, сутуни 5, [саҳифаи 6]); + **«Шири асп»** (фасли IV, ҷадвали 4, **сатри 08**, сутуни 7, [саҳифаи 6]);

**Бояд ба сутуни 1 рӯнавис карда шавад «тухм –дона» (сатри 18) аз:**
**«истеҳсоли тухм –дона»** (фасли IV, ҷадвали 5, **сатри 05**, сутуни 9, [саҳифаи 7]);

**Бояд ба сутуни 1 рӯнавис карда шавад «асал» (сатри 19) аз:**
**«истеҳсоли асал - кг»** (фасли IV, ҷадвали 7, **сатри 02**, сутуни 1, [саҳифаи 7]);

**Бояд ба сутуни 1 рӯнавис карда шавад «моҳӣ» (сатри 20) аз:**
**«истеҳсоли моҳӣ - кг»** (фасли IV, ҷадвали 9, **сатри 02**, сутуни 1, [саҳифаи 7]);

**Бояд ба сутуни 1 рӯнавис карда шавад «пилла» (сатри 21) аз:**
**«истеҳсоли пилла - кг»** (фасли IV, ҷадвали 8, **сатри 01**, сутуни 1, [саҳифаи 7]);

## ҚИСМИ VI. БОРДОРКУНИИ ЧОРВО

Саршумори чорвое, ки дар давраи ҳисобот бордор кардашудааст, ба ҳисоб гирифта мешавад. Дар сутуни якум ҳамаи саршумори чорвои бордоркардашуда ба ҳисоб гирифта мешавад, дар сутуни дуюм, аз он ҷумла бо тарзи сунъӣ бордоркардашуда ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Дар сатрҳои 01 саршумори модагов ва ғуноҷинҳо, сатри 02 аз он ҷумла ғуноҷинҳо, сатри 03 – гусфанду бузҳо ва дар сатри 04 байталҳои бордоркардашуда нишон дода мешаванд.

## ҚИСМИ VII. ИМОРАТҲО (ОҒИЛХОНАҲО) БАРОИ ЧОРВО ВА ИНШООТҲОИ НИГОҲ ДОШТАНИ МАҲСУЛОТИ КИШОВАРЗӢ

Дар сатри 01 оғилхонаҳо барои чорвои калони шохдор ба ҳисоби ҷой нишон дода мешавад, дар сутуни 1 миқдори иншоот, сутуни В воҳиди ченак ва дар сутуни 2 бузургӣ, иқтидор нишон дода мешавад. Агар дар мавриди барои чорвои калон ҷой ҷудо карда нашуда бошад, он гоҳ ба ҳисоби миёна барои чорвои калони шохдор 7 метри мураббаъ ба тариқи озод ё нобаста нигоҳ доштан ва 2,0 то 2,5 метри мураббаъ баста (катак) ҳисоб карда мешавад. Дар сатрҳои 02, 03 ,04 низ ғунҷоиши чорво ба ҳамин тарз ҳисоб карда мешавад. Ҳисоби миёнаи моли майда дар оғилхонаҳо1,5 то 2,0 метри мураббаъ ва дар майдончаҳои кушода 2,0 то 4,0 метри мураббаъ ва дар 1 метри мураббаъ то 4 сар парранда ҳисоб карда мешавад.

Дар сатри 05 ғунҷоиши анборҳои махсусгардонидашуда барои нигоҳ доштани ғалладона ва 06 барои нигоҳ доштани картошка, сабзавот ва мевагиҳо нишон дода мешавад. Дар сатри 07 осиёбҳои барқӣ ва обӣ, ки барои орд кардани гандум ва дигар намуди зироатҳои ғалладонагӣ истифода бурда мешаванд, нишон дода мешавад, иқтидори онҳо дар як соат чи қадар гандум ва ғалладонаро коркард карда метавонад низ оварда мешавад. Ҳамин тариқ агрегатҳои равғанкашӣ дар сатри 08 ба ҳисоб гирифта мешаванд. Дар сатри 09 нуқтаҳои бордоркунии сунъӣ барои модагов ва ғуноҷинҳо, дар сатри 10 клиникаҳои байтории шахсӣ ва сатри 11 дастгоҳои хурди коркарди пахта нишон дода мешаванд.

## ҚИСМИ VIII. ТЕХНИКА ВА АГРЕГАТҲОИ КИШОВАРЗӢ

Ба саволи дар бораи тахникаи кишоварзӣ ба тавре ҷавоб додан лозим аст, ки ҳамаи тракторҳо ва агрегатҳо новобаста аз ҳолати ҷории онҳо ба ҳисоб гирфта шаванд.

Дар сатри 10 намудҳои асосии тракторҳои тасмачарх нишон дода мешавад, ба ин гуруҳи тракторҳо дохил мешаванд: Т-4А бо намудҳояш, ДТ-75 бо намудҳояш, Т-150 бо намудҳояш. Дар сатри 20 намудҳои асосии тракторҳои чархдор нишон дода

мешавад ва ба ин гурӯҳ дохил мешаванд: тракторҳои тамғаи К-700 бо намудҳояш, Т-28 бо намудҳояш, МТЗ бо ҳамаи намудҳояш, ЮМЗ бо ҳамаи намудҳояш, Т-40 бо ҳамаи намудҳояш, Т-16,20, 25 ва дигар тракторҳои ҳамин тамғаҳо. Дар сатри 30 минитракторҳо ва дар сатри 40 ҳамаи тракторҳо ба ҳисоб гирифта мешаванд. Дар сатри 50 миқдори умумии экскаваторҳо дар сатри 51 тасмачарх, сатри 52 чархдор нишон дода мешавад. Дар сатри 60 миқдори умумии булдозерҳо ,аз он ҷумла дар сатри 61 булдозерҳои тасмачарх ва 62 булдозерҳои чархдор ба ҳисоб гирифта мешавад. Дар сатрҳои 70 то 220 тамоми мошиноолот ва таҷҳизоти техникӣ оварда мешавад. Дар сутунҳои 1,2,3,4, ва 5 давраи истифодаи техника аз 5 то 20 сол нишон медиҳанд. Трактор ва таҷҳизоте, ки аз дигар хоҷагӣ ё тракторҳои шахсии аҳолӣ муваққатан барои корҳои саҳроӣ ва дигар корҳо истифода шуда бошанд, ба ҳисоб гирифта намешаванд.

## ҚИСМИ IX. ИСТИФОДАБАРИИ НУРИҲОИ МИНЕРАЛӢ ВА ОРГАНИКӢ

Дар ин қисм майдони зироатҳое, ки ба он нуриҳои минералӣ ва органикӣ андохта шудааст, ба ҳисоб гирифта мешавад. Дар сатри 01 майдони кишти зироатҳои кишоварзӣ ба ҳисоби сотих ва чи қадар ба ҳисоби кг нуриҳои органикӣ ва минералӣ андохта шудааст. Ҳамин тариқ дар сатрҳои 02- боғҳо, 03- токзорҳо, 04 –чарогоҳҳо ва 05 – алафзорҳо ҳисоб карда мешаванд. Ба нуриҳои минералӣ дохил мешаванд: нуриҳои азотӣ (селитра, карбамид, сулфат аммоний, селитраи натрий, селитраи калий ва ғайра) , нуриҳои фосфорӣ (суперфосфати оддӣ, суперфосфати гранулӣ, суперфосфати аммоний), нуриҳои калий (намаки калий, сулфати калий, омехтаи калий ва магний, калий хлор ва ғайра). Дар ҳолате, ки агар як ва ҳамон замин бо нуриҳои маъдании гуногун кор карда шуда бошад, дар он сурат ин масоҳати заминро дар сутуни ҷамбастӣ (сутуни 1) танҳо як маротиба нишон додан лозим аст.

Ҳамчунин дар ин қисм майдони зироатҳое, ки ба он нуриҳои органикӣ андохта шудааст ба ҳисоб гирифта мешаванд. Ба нуриҳои органикӣ дохил мешаванд: пору (поруи чорвои калон, гӯсфанду буз, парранда), компост. Компост дар натиҷаи пӯсонидани баргу пояи растаниҳо, боқимондаи зироатҳо ва омехта намудани поруи чорво ҳосил мешавад ва ин яке аз намудҳои ғизоноктарини нуриҳои органикӣ ба ҳисоб меравад.

## ҚИСМИ X. ИСТИФОДАБАРИИ ЗАҲРХИМИКАТҲО

Дар ин қисм майдони зироатҳое, ки бо заҳрхимикатҳо коркард шудаанд, ба ҳисоб гирифта мешаванд. Дорӯҳои захрдори кимиёвии кишоварзӣ асосан гербитсидҳо (зидди алафҳои бегона), фунгитсидҳо (зидди замбурғҳои сирояткунанда) ва инсектитсидҳо (зидди ҳашароти зараррасон) – ро дар бар мегиранд. Дар сатри 01 майдони кишти зироатҳои кишоварзӣ ҳамагӣ ба ҳисоби сотих ва чӣ қадар ба ҳисоби килограмм захрхимикатҳо хароҷот шудааст, нишон дода мешавад. Дар сатрҳои 02- боғҳо, 03- токзорҳо, 04- чарогоҳҳо ва 05- алафдаравҳо масоҳати умумии коркард бо заҳрхимикатҳо ба ҳисоби сотих ва хароҷоти заҳрхимикат чанд кг хароҷот шудааст нишон дода мешавад. Заҳрхимикатҳо асосан бар зидди малах, хашаротҳои зараррасони зироатҳои кишоварзӣ, гербидсидҳо барои нест кардани алафҳои бегона ва ғайра истифода карда мешаванд. Дорӯҳои заҳрдори кимиёвиро бо ғилзатҳои гуногун дарёфт кардан мумкин аст. Баъзе дорӯҳоро пеш аз истифодабарӣ маҳлул кардан зарур аст. Дар сутуни 2 миқдори дорӯҳои захрдори кимиёвии истифодашавандаро дар ҳамон намуде, ки харида шудаанд, нишон додан лозим аст.

Ҳатто дар ҳолате, ки агар аз як килограмм кам дорӯҳои захрдори кимиёвии истифода шуда бошад ҳам, дар он сурат миқдори онҳоро (на бештар ду аломат баъди вергул) гузоштан яъне нишон додан лозим аст.

## ҚИСМИ XI. ТАНАЗЗУЛИ (ДЕГРАДАТСИЯИ) ЗАМИН

Маънои таназзул (деградатсия) аз гардиш ё ин, ки аз истифода баромадани замин мебошад. Ботлоқшавӣ, шуршавӣ, шуста бурдани замин, набудани об барои обёрӣ ва дигар сабабҳо ба паст шудани сифати замин, кам шудани ҳосилнокии зироатҳо ва ё умуман аз ҳосил мондани замин оварда мерасонад.

Дар сатрҳои 01 то 05 қисми заминҳое, ки бо сабабҳои дар боло зикргардида аз истифода баромадааст, нишон дода мешаванд. Дар сутуни ҳамагӣ чи қадар замин аз истифода баромадааст ва аз он чи қадар заминҳои обӣ мебошад. Дар сатри 06 дар шакли ҷамъ ҳамагӣ масоҳати умумии заминҳои аз истифода баромада, дар сутуни 3 мӯҳлати истифода нашудани замин нишон дода мешавад.

## ҚИСМИ XII. МАСОҲАТИ ОБАНБОРҲО, КӮЛҲО ВА ҲАВЗҲОИ МОҲИПАРВАРӢ

Дар сатрҳои 01, 02, 03 масоҳати обанборҳо, кӯлҳо ва ҳавзҳои моҳипарварӣ ба ҳисоби гектар дар сутуни ҳамагӣ ва дар сутуни дуюм аз он ҷумла: зиёда аз 10 сол дар истифода қарор дорад, нишон дода мешавад. Дар сатри 04 ҷамъи умумии обанборҳо, кӯлҳо ва ҳавзҳои моҳипарварӣ нишон дода мешавад.

## ҚИСМИ XIII. НАМУДҲОИ АСОСИИ МАНБАЪҲОИ ЭНЕРГИЯ, КИ БАРОИ ГАРМӢ ВА ПУХТУ ПАЗИ ХӮРОК ИСТФОДА МЕШАВНД

Ин фасл 8 намуди манбаи энергия (Газ (*аз ҷумла гази моеъ*)-*ро* дар бар мегирад; Ҳезум аз дарахт; Ҳезум аз буттаҳо; Партовҳои чорво (ҳайвонот) (*тапак ва ғайра*); Партовҳои растаниҳо; Ангишт; Қувваи барқ; Дигар намуд).

Аз ҳамаи намудҳои пешниҳодшуда яке асосиро, ки дар хоҷагӣ истфода мешавад интихоб намуда, вайро дар хоначаи рақами – **1** нишон диҳед.

Агар дар қатори намуди асосии манбаи энергия дар хоҷагӣ баъзе дигар истфода бурда шавад, дар он сурат дар зери рақами - **2** ё - **3** (агар ингуна мавҷуд бошад) ва вобаста ба кадом намуд бештар эҳтиёҷ мешавнд, нишон диҳед.

Масалан: агар намуди асосӣ –қувваи барқ, дар он сурат вайро бо рақами 1 аломат гузоред; агар аз рӯи аҳамиятнокии дуввум ва истифодаи намуд ҳезум аз дарахт бошад, вайро рақами - **2** ишора кунед; агар дар хоҷагӣ намуди сеюм истифода шавад (барои мисол партовҳои чорво (*тапак ва ғайра*) дар он сурат дар хонача дар муқобил рақами - **3** нишон диҳед.

**Диққат: Дар фасли XIII камтар аз <u>се</u> ҷавоб интихоб карда шавад!!! Хоначаҳои, ки барои ҷавобҳо интихоб нашудаанд, бояд холӣ монда шаванд.**

## ҚИСМИ XIV. МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ ҚАРЗҲОИ ГИРИФТАИ ХОҶАГӢ ДАР СОЛИ 2012

Дар ин қисми саволнома хоҷагии мазкур аз кадом намуди қарзҳо дар соли 2012 истифода бурдааст, маълумот оварда мешавад. **(Диққат: дар соли 2012, на дар соли 2013 !)** Агар ягон намуди қарз истифода шуда бошад, он гоҳ қарз бо ифодаи сомонӣ ё доллари амрикоӣ нишон дода мешавад. Дар ин сатр фақат маблағи қарзие, ки барои ташкил ва ривоҷ додани соҳаи кишоварзӣ, яъне барои беҳтар кардани коркарди замин, хариди техникаи кишоварзӣ , нуриҳои минералӣ, захрхимикатҳо, тоза кардани ҷую захбурҳо, беҳтар намудани ҳолати мелиоративии замин, ба гардиш даровардани заминҳои бекорхобида ва афзун гардондани маҳсулоти кишоварзӣ

равона шудаанд, нишон дода мешавад. Дар зери мафҳуми қарзи имтиёзнок (сатрҳои 21 ва 31) қарордодҳои қарзие дар назар дошта мешаванд, ки онҳо аз рӯи фоизҳои хеле паст, нисбат ба бозори умумии қарзи сармоя пешниҳод карда мешаванд. Меъёри фоизи қарзи имтиёзнок маъмулан аз қарзҳои маъмулӣ 7 – 9 фоиз кам ммебошад.

## ҚИСМИ XV. ИСТИФОДАИ ЧАРОГОҲҲОИ ДУРДАСТ ДАР СОЛИ 2013

Қисми XV дар бораи он иттилоот медиҳад, ки он чарогоҳҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз деҳа (шаҳри) - и худ хеле дур воқеъ шудаанд, на ҳар рӯз чорво ба маҳалли ахолинишини худ баргашта метавонад. Дар ин гуна ҳолатҳо интиқоли чорво ба чарогоҳ 1 рӯз ва бештар давом мекунад. Савол дар худ истифодаи чарогоҳҳои зимистона (зимистони соли 2012 – 2013) ва чарогоҳҳои тобистона (тобистони соли 2013) – ро дар бар мегирад.

Аввал, ҳисобчи аз посухдиҳандаҳо мепурсад, ки оё хонаводаҳо чарогоҳҳои дурдастро зимистони соли 2012 – 2013 ё тобистони соли 2013 истифода бурдаанд ё не.

Агар хонавода чарогоҳи дурдасти зимистонаи соли 2012 – 2013 ё тобистонаи соли 2013 истифода бурда бошанд, дар он сурат саршумор ва намуди чорво (сутунҳои 1 ва 6), инчунин давомнокии чарониданро аз рӯи намудҳои чорво (сутунҳои 2 ва 7) аниқ карда шавад. Давомнокии ҳадди ақали чаронидан бояд на камтар аз ду ҳафта, ё 0,5 моҳро ташкил диҳад. Агар давомнокии чаронидан мӯҳлати аз як моҳ зиёдтар (30 рӯз) – ро ташкил намояд, дар он сурат мӯҳлати чаронидaнро то ду ҳафта, ё 0,5 моҳ пурра нишон додан лозим аст.

Масалан: давомнокии чаронидан 5 моҳу 10 рӯз бошад, онро «5,5» моҳ, ё давомнокии чаронидан 5 моҳу 25 рӯз бошад, онро «6» моҳ дарҷ намудан лозим аст.

Барои муайян намудани маҳалли чаронидан дар ҷадвал 3 сутун барои чарогоҳи зимистона (сутунҳои 3,4,5) ва 3 сутун барои чарогоҳи тобистона (сутунҳои 8,9,10) ҷудо карда шудааст. Агар ягон намуди чорво дар ҳудуди ҷамоати худӣ чаронида шуда бошад, дар он сурат «1» дар «сутуни 3» (чарогоҳҳои зимистона), ё «1» дар «сутуни 8» (чарогоҳҳои тобистона) гузошта шавад. Агар дар ҳудуди дигар ҷамоати ноҳияи худӣ чорво чаронида шуда бошад, дар он сурат «1» дар «сутуни 4» (чарогоҳҳои зимистона), ё «1» дар «сутуни 9» (чарогоҳҳои тобистона) гузоштан лозим аст. Дар ҳолати чаронидани чорво дар ҳудуди дигар ноҳия, лозим аст, ки рамзи ноҳияро аз рӯйхате, ки дар поёни ҷадвал қарор дорад, дар «сутуни 5» ва дар «сутуни 10» гузошта шавад.

**Диққат: аз се намунаи фаслҳои ҷадвал «маҳалли чаронидан», ҳам барои чарогоҳҳои тобистона ва ҳам барои чарогоҳҳои зимистона, танҳо як сутунро барои посух аз рӯи ҳар кадом намуди чорво интихоб кардан лозим аст. Ду сутуни боқимандаро холи мондан зарур аст.**

Масалан: хонавода, 5 сар чорвои калони шохдор (ЧКШ) ва 10 сар гусфанд дорад. Дар давраи зимистон (соли 2012 – 2013) тамоми чорво дар хона нигоҳ дошта шудааст. Азбаски чарогоҳҳои дурдасти зимистона истифода нашуданд, сутунҳои «1 – 5» холӣ боқӣ мемонанд. Дар давраи тобистони соли 2013 хонавода 3 сар чорвои калони шохдор (ЧКШ) ба чарогоҳи тобистонаи ҷамоати худӣ ба мӯҳлати 5,5 моҳ фиристод, ва 10 сар гӯсфандро ба чарогоҳи тобистонаи дигар ноҳия (масалан ба ноҳияи Айнӣ) ба мӯҳлати 6 моҳ. Дар ин мисол ҷадвал бояд ба таври зайл дарҷ гардад:

| Намудҳои чорво | рамзи сатрҳо | Чарогоҳи зимистонаи солҳои 2012/2013 | | | | | Чарогоҳи тобистонаи соли 2013 | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | сар-шумор | давом-нокии чарони-дан | Маҳалли чаронидан | | | сар-шумор | давом-нокии чарони-дан | Маҳалли чаронидан | | |
| | | | | ноҳияи худӣ ва ҷамоати худӣ | ноҳияи худӣ, вале ҷамоати дигар | дигар ноҳия | | | ноҳияи худӣ ва ҷамоати худӣ | ноҳияи худӣ, вале ҷамоати дигар | дигар ноҳия |
| | | сар | моҳҳо | ҳа – 1 | ҳа – 1 | рамзҳо | сар | моҳҳо | ҳа – 1 | ҳа – 1 | рамзҳо |
| А | Б | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 |
| **чорвои калони шохдор** | 01 | | | | | | 3 | 5,5 | 1 | | |
| **гӯсфандон** | 02 | | | | | | 10 | 6 | | | 13 |

Дар ҳолати, агар чорво (масалан, гусфандон) дар давоми мавсим дар якчанд чарогоҳҳои ноҳияҳои гуногун чаронида шуда бошад, дар он сурат барои хӯроки чорво маҳалли чаронидан ҷои муҳимтарро муайян кардан лозим аст.

Масалан: хонавода рамаро гӯсфандонро дар чарогоҳҳои ноҳияҳои гуногун ё ҷамоатҳои гуногун, ё як рамаро ба ду рама тақсим карда чаронид, ки онҳо дар ноҳияҳои гуногун чаронида шуданд, дар он сурат дар «сутуни 6» - шумораи умумии саршумори рама нишон додан лозим аст; дар «сутуни 7» - давомнокии миёнаи чаронидан; дар «сутунҳои 8 – 10» - ҷойи муҳимтаринро барои чаронидану хӯроки чорво нишон додан лозим аст.

---

Пас аз пур кардани саволнома ҳисобчиҳо дар қисми охири саволнома ба яке аз рақамҳо оид ба маълумоти гирифтааш давра мекашад. Агар аз сардори хонавода гирифта бошад рақами 01, зан/шавҳари сардори хонавода бошад, рақами 02 ва дигар аъзои хонавода бошад, рақами 03- ро давра мекашад. Пас аз ба анҷомрасии ҳар як пурсиш ҳисобчӣ баъди ба пуррагӣ санҷида, боварӣ ҳосил намудан, ки саволнома дуруст пур карда шудааст, марҳила ба марҳила ба дастурдиҳанда - назоратчӣ барои санҷиш пешниҳод менамояд. Дар ҳолати ошкор гардидани камбудиҳо дар саволнома дастурдиҳанда - назоратчӣ барои аниқ намудан саволномаҳоро ба ҳисобчӣ бармегардонад.